ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар мавзуи «Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991-2021)» аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))

Дар замони Истиқлоли давлатӣ дар натиҷаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф дар низоми маорифи кишвар дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олии касбӣ, тағйиротҳои муҳим ба амал омаданд.

Бояд қайд кард, ки дар таърихнигории муосири ватанӣ масъалаи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар замони Истиқлол ба таври бояду шояд баррасӣ нашудааст.

Мубрамии мавзӯи таҳқиқшуда аз он иборат аст, ки соҳаи маориф ҳамчун омили асосии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Вилояти Хатлон ҳамчун минтақаи аз ҷиҳати демографӣ калонтарин ва аз ҷанги шаҳрвандӣ бештар осебдида, дар оғози солҳои 90-ум ба бӯҳрони шадиди кадрҳои омӯзгорӣ рӯ ба рӯ гардид. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи таърихи барқарорсозӣ ва рушди низоми тайёркунии кадрҳои омӯзгорӣ дар ин вилоят аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад.

Дар илми таърихи ватанӣ ин масъала то имрӯз ба таври алоҳида ва маҷмӯӣ таҳқиқ нагардидааст, ки навгонии мавзӯро нишон медиҳад.

Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, омори расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводи саҳроие, ки дар ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷамъоварӣ шудааст, таърихи муфассали раванди тайёр намудани кадрҳои омӯзгориро дар солҳои 1991-2021 таҳқиқ намудааст.

Дар автореферат ба таври илмӣ исбот гардидааст, ки дар солҳои 1992-1997 дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ низоми таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон вайрон шуда, муҳоҷирати оммавӣ ва холигии ҷойҳои корӣ ба миён омад. Аз соли 1998 то имрӯз таҳти сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, марҳилаи эҳё ва рушди устувори низоми кадрӣ оғоз гардид.

Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Данғара ва коллеҷҳои омӯзгории вилоят дар бартарафсозии норасоии кадрҳо калидӣ мебошад.

Муаллиф бори нахуст даврабандии илмии раванди ташаккули кадрҳои омӯзгориро пешниҳод намуда, динамикаи афзоиши миқдорӣ ва сифатии ҳайати омӯзгорон, масъалаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳоро дар заминаи барномаҳои давлатӣ таҳлил кардааст.

Аз шиносӣ бо автореферати диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар мавзуи «**Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991-2021)**» маълум мегардад, ки он аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (185 номгӯй) иборат аст. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 196 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқ аст.

Боби якуми диссертатсия ба таҳлили масъалаи **«Амалисозии сиёсати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи маориф дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ»** бахшида шудааст. Муаллиф амалисозии сиёсати маорифпарваронаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ таҳти сарварии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, омӯхта, таҳқиқ намудааст. Ин боиси эҳёи пурраи соҳаи маориф гардид: дар ин давра садҳо мактаби нав бунёд ва ҳазорҳо омӯзгор тайёр карда, бо ҷойи кор таъмин шуданд ва тавассути қабули қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ сифати таҳсилот баланд бардошта шуд.

Боби дуюм, таҳти унвони **«Нақши муассисаҳои таълимии олии касбии вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ»,** ба масъалаи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят – Донишгоҳҳои Кӯлоб, Бохтар ва Данғара бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар солҳои истиқлолият ин муассисаҳо ҳазорҳо омӯзгори соҳибихтисосро барои мактабҳои Хатлон омода намудаанд.

Боби сеюм масъалаи **«Тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар коллеҷҳо ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон»**-ро фарогир аст. Омодасозии кадрҳои педагогӣ дар коллеҷҳо ва бозомӯзии онҳо яке аз самтҳои муҳими сиёсати маориф дар Хатлон ба ҳисоб рафта, ба пурра таъмин гардидани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос мусоидат мекунад.

Хулосаҳои ҳар як параграф ва хулосаи умумӣ ба мазмуни таҳқиқот мувофиқат мекунанд. Гарчанде дар автореферат баъзе нуқсонҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, онҳо ба арзиши илмии кор таъсир намерасонанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи номзадии **Иброҳимзода Зафар Иброҳим** дар мавзуи **«Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (1991-2021)»** кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аст.

Муқарриз
Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи дипломатия ва муносибатҳои
байналмилалии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **К. Карамалишоев**

Имзои К. Карамалишоевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п. **А. Насурдинзода**
«20» декабря соли 2026

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: +992 93 832 2768
E-mail: kkn267701@gmail.com